# ТАҚРИЗ

**ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Баъд аз ба даст даровардани истиқлолият дар назди роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳим ва ҳалкунанда, муайян кардани сиёсати дохилӣ ва берунӣ меистод. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали даврони истиқлолият ин сиёсат мунтазам роҳандозӣ гардида, дар тӯли анқариб 30-сол рушду тавсеа ёфт. Дар ин муддат дар Тоҷикистон воқеоти зиёди ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯх доданд, ки ногузир аз ҷониби коршиносон, муҳаққиқон ва аҳли илми ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа таълифоти зиёд рӯйи кор омад, ки аз таваҷҷуҳи беҳади муҳаққиқони ҷумҳурӣ, бахусус ба воқеоти сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX гувоҳӣ медиҳад. Аммо як таҳқиқоти маҷмӯӣ, ки ин таълифоти парокандаро гирдоварӣ, таҳлил ва ҷамъбаст карда бошад, то кунун вуҷуд надошт. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Асомиддини Абдулмумин, ки кӯшиши аввалин дар ин самт ба ҳисоб меравад, бешак мубрам ва саривақтӣ буда, дар заминаи маводи бойгониҳои ҷорӣ ва таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, амалӣ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки дар муқаддимаи кор мубрамият, арзиши илмии мавзуи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади таҳқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намудааст, пойгоҳи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети таҳқиқот, ҳудудҳои хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо мушаххас намуда, аҳаммият ва арзиши илмӣ - амалии тадқиқоти худро асоснок намояд.

Боби якуми диссертатсия - “ Раванди муборизаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон (охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри хх)” аз ду зербоб иборат аст. Дар он он роҷеъ ба раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ва заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигорӣ сухан меравад.

Дар ин боб таълифоте, ки ба масоили умдаи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ба даст омадани Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеаҳои феврали соли 1990 мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия "Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ" аз ду зербоб иборат аст, ки дар он масъалаҳои инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории муҳаққиқони хориҷӣ баррасӣ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия - "Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ" номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб марҳилаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва имзои "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон", инчунин фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ инъикоси худро ёфтааст. Илова бар ин, дар зербоби сеюми боби сеюм, ки "Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу вахдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат» номгузорӣ шудааст, масоили инъикоси равандҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Бояд зикр кард, ки омӯзиши масоили умдаи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 90-уми асри XX меҳвари таҳқиқоти муаллифро ташкил додаанд. Пажуҳиш дар заминаи омӯзиши асарҳои Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, таҳлилу баррасии осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX бахшида шудаанд, амалӣ гардидааст.

Мазмуни рисола пурра дар корҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Метавон гуфт, ки муаллиф тамоми мақсад ва ҳадафи дар назди худ гузоштаашро бо пуррагӣ ҳаллу фасл намудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи унвонҷӯ Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-

2000)» таҳқиқоти мукаммал ва мустақилонаи ба анҷомрасида буда, тибқи натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Асомиддини Абдулмумин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.- Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав Мирзоев Ғ.Ш.

Имзои Мирзоев-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М

«03» 06 соли 2026

**Нишонӣ:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail. ru